**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36**
**www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783**

**№** 9633/ш.р **аз «**15**»** 06 **соли 20**20

**Ба №________ аз «____»__________ соли 20___**

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал татбиқ намудани бандҳои дахлдори Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 2020, № 1544 ба Шумо чунин дастур медиҳад.

Тибқи сархати 7 банди 1 Фармони мазкур аз 1 апрел то 1 сентябри соли 2020 ба иншоотҳои соҳаи сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, ташкилотҳои хӯроки умумӣ, марказҳои саломатию варзишӣ, осоишгоҳҳо, ҳамлу нақли мусофиркашонии байналмилалӣ ва аэронавигатсия таътили пардохтҳои андозӣ ва манъ гардидани ҳисобкунии фоизҳоро барои сари вақт пардохт нагардидани андозҳо барои ҳамин давра муқаррар шудааст.

Яъне, мутобиқ ба талаботи ҳамин банд шуруъ аз 1 апрел то 1 сентябри соли ҷорӣ ба соҳаҳои зикргардида таътили пардохтҳои андозӣ ва манъи ҳисобкунии фоизҳо барои сари вақт пардохт нагардидани андозҳо муқаррар гардидааст. Бо назардошти ин, дар ин давра ба иншоотҳои соҳаи сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, ташкилотҳои хӯроки умумӣ, марказҳои саломатию варзишӣ, осоишгоҳҳо, ҳамлу нақли мусофиркашонии байналмилалӣ ва аэронавигатсия машғул мебошанд, фоизҳо барои сари вақт пардохт нагардидани андозҳо ҳисоб карда нашуда, ҳамзамон бо мақсади дастгирӣ намудани фаъолияти мунтазами чунин субъектҳо таътилӣ андозӣ дода шудааст. Таътили андозӣ ҳамчун имтиёзӣ андозӣ арзёбӣ гардида, пардохти андозҳоро дар мӯҳлатҳои минбаъда, яъне баъд аз мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои дигар субъектҳо дар назар дорад.

Мутобиқ ба муқаррароти сархати 9 банди 1 Фармони мазкур аз 1 май то 1 сентябри соли 2020 барои субъектҳои хоҷагидорие, ки дар мӯҳлати муқарраршуда андози иҷтимоиро пардохт накардаанд, татбиқи чораҳои ҷавобгарии андозӣ манъ карда мешавад.

Қайд карда мешавад, ки тибқи талаботи моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои саривақт напардохтани андози

иҷтимоӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ҷаримаи маъмурӣ муқаррар гардидааст.

Ҷиҳати иҷрои сархати 9 банди 1 ҳамин Фармон дар давраи аз 1 май то 1 сентябри соли ҷорӣ татбиқи ҷаримаи моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ манъ карда шуда, инчунин барои сари вақт пардохт нагардидани андози иҷтимоӣ фоизҳо мутобиқ ба талаботи моддаи 73 Кодекси андоз ҳисоб карда намешаванд.

Сархати 12 банди 1 ҳамин Фармон воридоти маводи барои истеҳсоли маҳлулҳои безараргардонӣ, доруворӣ ва либосҳои муҳофизаткунанда, инчунин таҷҳизот, асбобу анҷом, таҷҳизоти озмоишгоҳҳои тиббӣ ва маводи барои муайян намудани бемории сироятии COVID-19 заруриро аз пардохтҳои гумрукӣ (андоз аз арзиши иловашуда, аксиз ва боҷҳо) аз 1 июл то 1 сентябри соли 2020 озод менамояд.

Ҳамзамон, ба инобат гирифта шавад, ки таҳвили минбаъдаи чунин маводҳо мутобиқ ба талаботи моддаҳои 181 ва 182 Кодекси андоз бо меъёри 18 андоз аз арзиши иловашуда мавриди андозбандӣ қарор дода мешавад.

Мувофиқи сархати 13 банди 1 Фармони мазкур фаъолияти муассисаҳои тиббӣ, меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳҳоро вобаста ба ройгон ҷойгир кардани шаҳрвандон барои таҳти муоинаи тиббӣ қарордошта ва ё табобат аз бемории сироятии COVID – 19 ба муҳлати дахлдор аз андозбандӣ озод гардидаанд. Яъне, агар муассисаҳои тиббӣ, меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳҳо шаҳрвандони таҳти муоинаи тиббӣ қарордоштаро барои табобат аз бемории сироятии COVID – 19 ба таври ройгон ҷойгир намоянд, ба муҳлати дахлдор аз андозбандӣ озод карда мешаванд.

Ҳамчунин, тибқи муқаррароти сархати 14 банди 1 Фармони мазкур бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи даромаднокии аҳолӣ аз 1 июн то 31 декабри соли 2020 меъёри андози даромад аз фоизи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ аз 12 фоиз амалкунанда то 6 фоиз паст карда мешавад. Яъне, меъёри андози мазкур 6 фоиз муқаррар гардида, ташкилотҳои қарзӣ шуруъ аз 1 июн то 31 декабри соли 2020 ҳангоми ба шахсони воқеӣ (амонатгузорон) пардохт намудани даромади фоизӣ уҳдадоранд андозро бо меъёри 6 фоиз дар манбаи пардохт нигоҳ дошта, ба буҷети дахлдор пардохт намоянд.

Бо назардошти ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки оид ба муқаррароти Фармони зикргардида бо андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, ҳамзамон риояи онро дар ҳамкорӣ бо субъектҳои соҳибкорӣ таъмин намоянд.

Раис Н.Давлатзода